# Гузориш аз баргузории семинари машваратии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **[1]**

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 26 Ноябр, 2021 - 15:23


[2]

Рӯзи 26-уми ноябри соли 2021 бо мақсади иҷрои банди 22-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021» аз 6-уми феврали соли 2021, №14 ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳолатҳои риоя нашудани меъёрҳои забони давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешидан ва Нақшаи назоратии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар анҷоми давраи назоратӣ ва таҳлили коргузорӣ оид ба риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва амалисозии «Нақшаи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари машваратиро баргузор намуд.
Дар семинар раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Муҳаммадҷонзода, муовини раиси Кумита Сахидод Раҳматуллозода, сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита Раҳим Зулфониён ва роҳбарияту кормандони дастгоҳи марказӣ, раёсатҳо ва бахшҳои Кумитаи телевизион ва радио, намояндагон – рӯзноманигорони шабакаҳои телевизониву радиоии Кумита ва дигар зерсохторҳои он иштирок намуданд.
Дар ҷараёни семинар гузориши роҳбари гурӯҳи корӣ (Р. Зулфониён) ки баъди таҳлилҳо ва ҷамъбасти фаъолияти назоратӣ дар самти татбиқи сиёсати забони давлатӣ дар Кумитаи телевизион ва радио таҳия гардидааст, шунида шуда, ҳамзамон, дар саҳмгузорӣ ба пешбурди сиёсати забони давлатӣ ба роҳбарият ва кормандони Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, барои таъмини иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» аз 30-юми июнии соли 2021, №268 ва иҷрои Нақшаи «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» аз 28-уми ноябри соли 2020, №647 тавсияҳо пешниҳод гардид.
Сипас, раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода суханронӣ намуда, ҳозиринро ба арҷгузорӣ ба забон ва эҳтиром ба ин муқаддасоти олиамон, даъват кардаву ҷиҳати масъалаҳои мубрами сиёсат дар бораи забони давлатӣ ва риояи қатъии талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар дар бораи забони давлатӣ ёдовар шуда, таъкид намуд, ки низ ҳамкориҳои пайвастаи ин ду мақомот дар таҳкими пешбурди сиёсати давлатии забон дар кишварамон муҳим арзёбӣ

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

мегардад.
Дар анҷом, кормандони Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар зерсохторҳои он ба саволҳои худ аз ҷониби намояндагони Кумитаи забон ва истилоҳот ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

Масъули ВАО-и Кумита

## Баҳодиҳии муҳтаво:

Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

Категория:

- Гузоришҳо [3]
- Ахбори рӯз [4]

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона



[5]

- 



[6]

-

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона



[7]

•



[8]

- 



[9]

- 




Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона



**Манбаъ::** http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/guzorish-az-barguzorii-seminari-mashvaratii-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati

**Пайвандҳо**
[1] http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/guzorish-az-barguzorii-seminari-mashvaratii-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi-khukumati
[2] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/5-5.jpg
[3] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE
[4] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7
[5] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2-2.jpg
[6] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1-1.jpg
[7] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3-3.jpg
[8] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4-4.jpg
[9] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5-5.jpg

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона